«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров»
дотсент Набизода М.С.
____________________
«__» __________2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид дар мавзуи «Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар асоси маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст**

## 1. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад: 1.13.“Сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар сатҳи минтақаҳо, таҳлили хусусиятҳо ва арзёбии самаранокии сиёсати иқтисодии давлат дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳо, шаҳрҳо, воҳидҳо ва ҳудудҳо”; 1.15. “Мақсадҳо ва механизмҳои сиёсати давлатии тараққиёти минтақаҳо. Шаклҳо ва механизмҳои баҳамтаъсиррасонии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳалли масъалаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ. Проблемаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии худидоракунии маҳаллӣ”;1.25. “Таъминоти инвеститсионии минтақаҳо. Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо. Лоиҳаҳои инвеститсионии ҳудудӣ. Муҳити сармоягузорӣ бо назардошти воҳидҳои минтақавию ҳудудӣ. Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо” мутобиқат мекунад.

## 2. Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Расидан ба рушди босуръат ва устувори иқтисодӣ дар ҳар як кишвар ба маҷмӯи васеи омилҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ ва иҷтимоӣ вобастагии зич дорад. Татбиқи ҳамоҳангшудаи ислоҳот дар соҳаҳои калидии иқтисодӣ заминаи ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ ва фаъолшавии сармоягузориро фароҳам меорад. Чунин муҳит ба афзоиши даромадҳои буҷети давлатӣ ва аҳолӣ мусоидат намуда, дар ниҳоят ба коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва ҳалли як қатор мушкилоти иҷтимоӣ дар ҷомеа оварда мерасонад.

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи тақвияти сиёсати минтақавӣ ва таъмини рушди устувори

иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Дар ин замина сармоягузорӣ ҳамчун абзори муҳимми фаъолгардонии иқтидори иқтисодии минтақаҳо, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва коҳиш додани тафовути иҷтимоию иқтисодии байни минтақаҳо нақши калидӣ мебозад.

Иқтидори сармоягузорӣ ҳамчун омили асосии рушди иқтисодиёти минтақавӣ баромад намуда, татбиқи лоиҳаҳои стратегиро таъмин мекунад ва барои рушди устувор ва беҳбудии некуаҳволии аҳолии минтақа заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар даҳсолаи охир дар ҷумҳурӣ оид ба масъалаҳои рушди устувори минтақаҳо ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам амалӣ таҳқиқотҳои муайян анҷом дода шуда, аз ҷониби олимон ва мутахассисон пешниҳодҳои гуногун ироа гардидаанд. Бо вуҷуди ин, як қатор муаммоҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо, аз ҷумла сатҳи пасти рушди бахши воқеии иқтисодиёт, нокифоя будани арзёбии иқтидори сармоягузорӣ, паст будани ҷаззобияти сармоягузорӣ, маҳдудияти ҷалби сармоягузорони хориҷӣ, сатҳи баланди бекорӣ ва истифодаи ғайрисамараноки захираҳои иқтисодии маҳаллӣ, то ҳол ҳалли пурраи худро наёфтаанд.

Дар чунин шароит зарурати муайян намудани самтҳои нави таъмини рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо ба миён омада, ҳалли ин масъалаҳо танҳо дар асоси истифодаи равишҳои муосир ва механизмҳои пешқадами сиёсати сармоягузорӣ имконпазир мегардад. Айни замон ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёти минтақавӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳалкунандаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Тавре ки дар паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мегардад, рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ҳамчун унсурҳои калидии сиёсати иқтисодии кишвар арзёбӣ мешаванд. Аз ҷумла, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 таъкид шудааст, ки Ҳукумати мамлакат рушди бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузориро дар доираи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии ноил гардидан ба ҳадафҳои миллӣ муайян намуда, ҷиҳати фароҳам овардани муҳити мусоиди соҳибкориву сармоягузорӣ пайваста тадбирҳо меандешад.

Бо таваҷҷуҳ ба таҳлилҳои дар ин самт амалигашта, метавон гуфт, ки ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо вуҷуди доро будани захираҳои табиӣ, меҳнатӣ ва иқтидори рушди соҳибкорӣ, дар амал бо як қатор мушкилоти вобаста ба ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ, нокифоя будани инфрасохтори иқтисодӣ, заъфи механизмҳои институтсионалии дастгирии сармоягузорӣ ва маҳдудияти имкониятҳои молиявӣ рӯ ба рӯ мебошанд. Дар чунин шароит зарурати такмили механизмҳои мавҷудаи дастгирии сармоягузорӣ, мутобиқсозии онҳо ба хусусиятҳои минтақавӣ ва талаботи сиёсати иҷтимоиву иқтисодии давлат ба миён меояд.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот инчунин бо он муайян мегардад, ки масъалаҳои ташаккул ва такмили механизмҳои дастгирии сармоягузорӣ маҳз дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар адабиёти илмӣ ба таври мукаммал ва низомманд кам мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аксари таҳқиқотҳо бештар ба сатҳи миллӣ ё шаҳрҳои калони саноатӣ равона шуда, хусусиятҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои тобеи ҷумҳурӣ ба таври кофӣ инъикос наёфтаанд.

Дар ин замина, таҳқиқи ҳамаҷонибаи механизмҳои дастгирии сармоягузорӣ, арзёбии самаранокии онҳо ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили сиёсати сармоягузории минтақавӣ дорои аҳамияти баланди илмию амалӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва марказӣ, инчунин дар таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо ва ҷалби сармоягузориҳо истифода шаванд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон хулоса намуд, ки мавзӯи таҳқиқотшаванда дорои мубрамияти баланди илмию амалӣ буда, ба талаботи санадҳои меъёрии соҳаи илм ва самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мутобиқ мебошад.

**3. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодот, ки дар диссертатсия оварда шуданд**

Гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод гардидаанд, бо такя ба заминаи мустаҳками назариявӣ, истифодаи усулҳои муосири таҳлили илмӣ ва таҳлили амиқи маълумоти оморӣ ва таҳқиқоти эмпирикӣ асоснок карда шудаанд. Дар ҷараёни таҳқиқот равишҳои системавӣ ва комплексӣ, усулҳои муқоисавӣ, таҳлили иқтисодӣ, таҳлили сохторӣ ва моделсозӣ истифода гардида, ин ба хулосаҳо дараҷаи баланди боэътимодӣ ва асоснокӣ мебахшад.

Асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳо ҳамчунин бо истифодаи маводи расмии омории мақомоти давлатӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномаҳои стратегии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва таҳлили таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ дар самти дастгирии сармоягузории рушди минтақавӣ таъмин карда шудааст. Пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ дар заминаи таҳлили воқеии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо, арзёбии иқтидори сармоягузорӣ ва муайян намудани мушкилоти мавҷуда таҳия гардидаанд.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии он аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро оид ба ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии механизми амалигардонии сиёсати иқтисодӣ дар шароити муосир моҳирона истифода бурдааст.

**4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**

Навгонии таҳқиқот дар асоснокнамоии масъалаҳои назариявии шаклгирии такмили густариши сармоягузории минтақа ва коркарди

тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа арзёбӣ мегарданд.

Натиҷаҳои мушаххаси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ пеш аз ҳама, аз навгониҳои илмӣ бармеоянд ва чунин нуқтаҳо қайд карда мешаванд:

- мафҳуму муҳтаво ва махсусан равишҳои асоси механизми дастгирикунии сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоӣ мухтасаран мушаххас карда шудаанд. Моҳияти "механизми сармоягузорӣ"-ро ба унвони маҷмӯи имкониятҳои сармоягузорӣ барои минтақа арзёбӣ гардида, муаллиф иброз доштааст, ки он ҳамчун инъикоснамояндаи захираҳои моддӣ ва ғайримоддӣ шуда, иловатан механизми сармоягузорӣ ҳамчун василаи аслии тараққидиҳандаи истеҳсолот баромад менамояд, бинобар ин, босамар истифодабарии он ба таври қобили назар, аз имкониятҳои маблағгузорӣ ба субъектҳои гуногуни иқтисодиёт ва дороиҳои дарозмуҳлат вобастагӣ дорад, ба ҷуз аз ин, дар рафти таҳқиқот дастгоҳи назариявии дараҷабандии механизми дастгирии сармоягузории минтақа мушаххас гардидааст. Зимни пешбурди таҳқиқот, механизми дастгирии сармоягузорӣ дар самти расидан ба натиҷаҳои қонеъкунанда ҷиҳати таъминнамоии равнақи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ба унвони шарти муҳим ва асосӣ арзёбӣ гардидааст. Собит гардидааст, ки механизми дастгирии сармоягузорӣ, равнақу рушди равандҳои сармоягузорӣ танҳо дар натиҷаи самаранок истифоданамоии иқтидори табиӣ-захиравии минтақа таъмин карда мешавад;

- шартҳои такмили механизми дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа ҳамчун фароянди муттаҳидсози заминаҳо барои татбиқи фаъолияти сармоягузорӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ ва имконоти сармоягузориҳо дар пояи истифодаи оқилонаи иқтидори табиӣ-захиравӣ, демографӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа мушаххас шудаанд. Дар таҳқиқот такмили механизми дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоӣ, махсусан шарт, шароит ва роҳу усулҳои дар амал ҷоринамоии он ифшо карда шудаанд, идоракунии раванди ҳамкориҳо, ҷиҳати дақиқ ва ба таври оқилона истифоданамоии барномаҳои тақвиятдиҳандаи соҳаҳои барои иқтисоди минтақа афзалияти бештар дошта, бо назардошти мубрамияти ин амал муносиб ва асоснок, зеро аз натиҷаи оқилона татбиқнамоии рушди воқеии минтақаҳо таъмин мегардад;

- хусусиятҳои такмил ва тақвиятбахшандаи механизми дастгиринамоии иқтисодӣ-иҷтимоии равнақдиҳандаи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, бар асоси арзибию таҳлилнамоии таъминнокӣ бо захираҳо, сатҳи босамарӣ бо назардошти мушаххассозии омилҳо ва шарту шароити афзоишдиҳандаи ҷараёни сармоягузориҳо ба минтақа, аниқ гардидаанд. Дар таҳқиқот собит гардидааст, ки арзёбинамоии воқеъии ҷолибияти сармоягузориҳо ба минтақа, бо дар назаргирӣ ва дар доираи такмили механизми давлатии дастгиринамоии фаъолияти сармоягузорӣ таъмин мегардад, бар ин асно дар таҳқиқот мушаххас гардидааст, ки омилҳои зер

ба монанди омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, молиявӣ, фарҳангӣ-иҷтимоӣ, ташкилӣ-ҳуқуқӣ, инчунин ҷуғрофӣ метавонанд дар татбиқнамоии ин амалкард мусоидат намоянд;

- ташаккул ва татбиқи шароити созгор барои истифодабарии механизми дастгиринамоии сармоягузориҳо, ҳамчунин ҷиҳати баландбардории сатҳи фаъолнокии сармоягузории субъектҳои хоҷагидорӣ варивоҷи соҳибкорӣ, равишҳои дастгиринамоии сармоягузориҳо, ки имкон доранд дар роҳандозию татбиқи чораҳои дахлдор барои беҳдоштнамоии низоми ҳавасмандсозии таъмини ҷолибияти сармоягузориҳо ба НТҶ мусоидаткунанда, асоснок карда шудаанд;

- собит гардидааст, ки самтҳои асосии такмили механизми дастгирии сармоягузориҳо бо чунин роҳҳо метавон асоснок намуд: коркарди низоми чораҳои мушаххас барои равнақу густариши навъҳои дастгирии сармоягузории унвонӣ бо дарназаргирии дурнамои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа ва мукаммалнамоии сиёсати сармоягузории минтақавӣ; асоснокнамоии зарурати такмили танзими давлатӣ ҳангоми шаклгирии механизми буҷетӣ-андозӣ ва дастгириҳо ҷиҳати фаъолнокнамоии фаъолияти сармоягузорӣ ва истифодаи асарбахшонаи иқтидори сармоягузорӣ дар минтақа; такмили механизми давлатии танзими фаъолияти сармоягузорӣ бар асоси таҳрики фаъолнокии равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ бо мақсади вусъатбахшии ҳадафҳои рушди устувори минтақа;

- муносибат ва равишҳо доир ба пешниҳоди муносибатҳо дар самти шаклгирии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои нисбатан афзалиятдоштаи иқтисоди минтақа бар асоси ташаккули низоми якшаклаи мониторинги тавсеаи иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, ки метавонад саривақт арзёбинамоии равандҳои ноил шудан ба ҳадафҳо барои рушди иқтисодии минтақа зарур, дақиқнамоии шароити ташкилӣ-иқтисодии муносибгардонии тавсеаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ бо назардошти истифодаи оқилонаи иқтидори имконият барои татбиқу таҳрики ҳадафҳои рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа мавриди коркард ва пешкаш қарор дода шуда, механизмҳои такмили давлатии танзмикунандаи фаъолияти сармоягузориҳо дар минтақа мушаххас гардидаанд.

Илова бар он, механизми идоранамоии фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақа ва таркиби захиравии он асоснок шудаанд, иловатан дар таҳқиқоти диссертатисонӣ қайд гардидааст, ки таъсиси низоми муттаҳидсозандаи захираҳои молиявӣ дар пойгоҳи сохтори сармоягузории минтақа метавонад ҳамчун як усули тақвиятдиҳанда дар самти рақобатпазирнамоии минтақа баромад намояд.

## 5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия

**Аҳамияти илмии натиҷаҳои диссертатсия** дар рушди минбаъдаи асосҳои назариявӣ ва методологии сиёсати сармоягузории минтақавӣ

ифода меёбад. Дар таҳқиқот мафҳумҳо, принсипҳо ва механизмҳои дастгирии сармоягузорӣ бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо, махсусан ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, такмил дода шуда, равишҳои нав ба арзёбии иқтидори сармоягузорӣ ва ҷолибияти сармоягузории минтақавӣ пешниҳод гардидаанд. Хулосаҳои илмии бадастомада метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи рушди минтақавӣ ва идоракунии сармоягузорӣ истифода шаванд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои диссертатсия** дар имконияти истифодаи онҳо дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи марказӣ ва маҳаллӣ, ҳангоми таҳияи барномаҳо ва стратегияҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо, инчунин дар равандҳои қабули қарорҳои идоракунӣ дар самти ҷалби сармоягузорӣ зоҳир мегардад. Тавсияҳои амалӣ ва усулҳои пешниҳодгардида дар диссертатсия метавонанд дар фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми таҳлили равандҳои рушди иқтисодӣ, қабули қарорҳои идорӣ, баҳисобгирӣ ва арзёбии иқтидори сармоягузории минтақа, инчунин дар танзими ҷараёнҳои сармоягузории минтақавӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот** дар баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои иқтисодии минтақаҳо, фаъолгардонии ҷараёнҳои сармоягузорӣ, рушди бахши воқеии иқтисод ва коҳиши тафовути рушди иҷтимоӣ-иқтисодии байни минтақаҳо ифода меёбад. Амалисозии пешниҳодҳои кор метавонад ба афзоиши истеҳсолот, ташкили ҷойҳои нави корӣ, густариши фаъолияти соҳибкорӣ ва баланд гардидани даромадҳои буҷетӣ мусоидат намояд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ, коҳиши сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва таъмини рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо таҷассум меёбад. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ба тақвияти ҳамбастагии иҷтимоӣ, устувории иҷтимоӣ ва баланд гардидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар минтақаҳо мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои муҳимми кори диссертатсионӣ метавонад аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсатҳои он дар минтақа, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ҷиҳати коркард ва амалигардонии барномаҳо ва стратегияҳои рушди иқтисодиёти минтақа, дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои стратегӣ истифода гарданд.

Ҳамчунин натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро дар мактабҳои олӣ ҳангоми такмили барномаҳои фанҳои таълимӣ, курсҳои махсус, ҳамзамон гузаронидани корҳои илмию таҳқиқотӣ дар самти рушди сиёсати иқтисодии минтақавӣ истифода бурдан мумкин аст.

## 6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ

Дар рафти гузаронидани таҷрибаҳо амиқии иттилоот, ҳаҷми кифоякунандаи маводҳои таҳқиқотӣ, коркарду тасвиби омории натиҷаҳои

таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Ҳамзамон, масъалаҳои мубрам ҷиҳати инкишофи дастгирии сармоягузориҳо бо мақсади таъмини рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, аз ҷумла НТҶ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Бо такя ба натиҷаҳои бадастовардашуда асоснокнамоии назария, методология ва амалияи масъалаҳои мансуб ба сармоягузории минтақа ва дар ин замина таъмини рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа мавриди пешниҳод қарор дода шудаанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи усулҳои муосири таҳлили илмӣ, равишҳои комплексӣ ва системавӣ, инчунин татбиқи усулҳои таҳлили иқтисодӣ, муқоисавӣ, оморӣ, таҳлили факторӣ ва таҳлили сохторӣ таъмин карда шудааст. Дар раванди таҳқиқот маълумоти расмии оморӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ ва маводи таҳлилии муассисаҳои давлатӣ ва байналмилалӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки ин ба натиҷаҳо дараҷаи баланди боэътимодӣ мебахшад.

Дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлили амиқи заминаи назариявӣ, истифодаи васеи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин ҷамъбаст ва муқоисаи таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ дар самти дастгирии сармоягузории рушди минтақавӣ таъмин гардидааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ дар асоси таҳлили воқеии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, нишондиҳандаҳои оморӣ ва натиҷаҳои ҳисобу китобҳои иқтисодӣ таҳия шудаанд.

Илова бар ин, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо санҷиши амалии онҳо дар ҷараёни баррасӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳо ва муҳокимаҳои илмӣ, инчунин тавассути интишори мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои тақризшаванда тасдиқ мегардад. Қисме аз натиҷаҳо дар фаъолияти амалии мақомоти давлатӣ ва ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки дурустӣ ва аҳамияти амалии онҳоро боз ҳам тақвият медиҳад.

Натиҷаҳо ва муқарраротҳои асосии диссертатсия аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои илмию амалии сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ, инчунин дар маҷаллаҳои тақризшаванда дарҷ гардидаанд. Хулосаю пешниҳодҳои муаллиф дар асоси гузаронидани таҳқиқотҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳлилшаванда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ карда мешавад. Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқот дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявию амалӣ пешниҳод карда шудааст, ки доир ба саҳеҳ ва дуруст будани натиҷаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳанд.

### 7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ

Дар натиҷаи шиносоӣ бо диссертатсия, асарҳои илмии нашргардидаи муаллифи рисолаи илмӣ Сафарзода Сафармад Саид метавон зикр кард, ки диссертатсияи мазкур кори илмӣ-таҳқиқотии мустақилонаи муаллиф мебошад. Унвонҷӯ мустақилона мафҳум, моҳият ва нақши сармоягузориро

дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо таҳқиқ намуда, хусусиятҳои ташаккул ва татбиқи механизмҳои дастгирии сармоягузориро бо назардошти шароити ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ асоснок кардааст. Дар раванди таҳқиқ, таҳлили вазъи кунунии сармоягузорӣ, омилҳои таъсиррасон ба ҷалби сармояҳои дохилию хориҷӣ ва сатҳи самаранокии механизмҳои амалкунандаи дастгирии сармоягузорӣ дар сатҳи минтақавӣ аз ҷониби унвонҷу мустақилона анҷом дода шудааст.

Ҳамчунин, арзёбии иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, муайян намудани мушкилоти асосии рушди сармоягузории минтақавӣ ва асосноккунии самтҳои афзалиятноки такмили механизмҳои дастгирии сармоягузорӣ натиҷаи таҳқиқоти мустақили довталаб ба ҳисоб меравад. Пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили механизмҳои институтсионалӣ, молиявӣ ва ташкилии дастгирии сармоягузорӣ дар сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо аз ҷониби муаллиф таҳия ва асоснок карда шудаанд.

### 8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Асарҳои интишорнамудаи муаллиф хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос менамоянд. Вобаста ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ 8 мақола, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаю нашрияҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён шудаанд.

Дар интишороти муаллиф, ҳамаи мақолаҳои илмӣ мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи пешниҳодгардидаро инъикос менамояд, яъне пурра мутобиқат дорад.

### 9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, муҳтавои кор дар 207 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки аз 13 расм, 21 ҷадвал ва 1 диаграмма мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда 235 номгӯй сарчашмаҳои мавриди истифода қарор гирифта, аз ҷумла асарҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** аҳаммияти мавзуи таҳқиқ ва сатҳи омӯзиши он асоснок карда шуда, ҳадафу, вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, усулҳои таҳқиқот муайян шудаанд, инчунин, муқаррароти дорои навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардида, маълумот оид ба тавсиби натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод карда шудаанд (С. 5-18).

**Боби аввал – “Асосҳои назариявии ташаккули сиёсати миллии иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва механизмии дастгирии сармоягузории он”. Дар ин боб, масоили марбут ба шаклгирии ҷанбаҳои назариявии дастгирии давлатии сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа мавриди омӯзиш қарор**

**дода шуда, принсипҳо ва омилҳои дастгирии рушди иқтисодӣ - иҷтимоии минтақа мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, ҳамзамон ҷиҳати тақвиятбахши муҳтавои кори диссертатсионӣ таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти таъмини сармоягузории рушди иқтисодӣ - иҷтимоии минтақа мавриди таҳлил қарор дода шудааст** (С.18 - 57).

Ба ақидаи муаллиф, дар шароити тавсеаи тадриҷии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон бо дигар кишварҳои пасошуравӣ, истифодаи истилоҳоти марбут ба соҳаи сармоягузорӣ, аз қабили «сармоя», «фаъолияти сармоягузорӣ», «ҷолибияти сармоягузорӣ» ва дигар мафҳумҳои ҳаммазмун, ба таври назаррас густариш ёфтааст. Ин раванд бозгӯи гузариш аз модели маъмурӣ-идоравии иқтисодӣ ба низоми иқтисоди бозорӣ мебошад.

Муаллиф зимни таҳқиқи заминаҳои илмию назариявии мафҳуми «сармоя» ва моҳияти онро аз асарҳои классикони илми иқтисод, мактабҳои муосири иқтисодӣ, донишмандони хориҷиву ватанӣ васеъ истифода намуда, чунин баён менамояд: « ...Сармоягузорӣ ин сармоя дар шакли моддӣ (дороиҳо) ва пулӣ (манбаъҳои маблағҳо) мебошад, ки дар муддати тулонӣ бояд ба даст овардани фоида ва ё ба даст овардани таъсири мусбати дигари иҷтимоиро таъмин намояд...» (саҳ.27). Дар асоси таҳқиқ, муаллиф ақидаи худро оиди ин масъала пешниҳод кардааст, яъне « Самти асосии сиёсати сармоягузории минтақа, фаъолнамоии амалкардҳои сармоягузорӣ дар ҳудуди минтақа, инчунин таъмини тамаркузшавии сармоя баҳри татбиқи барномаи равнақёбии иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа маҳсуб меёбад. Иловатан, бунёди фазои мусоидомези сармоягузорӣ дар минтақа, ҷамъ ва шаклгирии захираҳои сармоягузорӣ, муносибтар истифоданамоии маблағгузориҳои мустақими буҷавӣ, таъсиси танзмигарони иқтисодии сармояҳои сафарбаршуда, аз нуқтаҳои калидии равнақи минтақа арзёбӣ мегарданд» (саҳ.35). Ин нуқтаи назари муаллиф барои рушди назарияи таҳқиқоти мазкур саҳми муайян ҳоҳад гузошт.

Аз ҷониби муаллиф принсипҳои асосӣ ва омилҳои рушди минтақа таҳия гардидааст. Ба ақидаи муаллиф, принсипҳои асосӣ ва омилҳои рушди минтақавӣ ҳамчун заминаи методологӣ барои ташаккул ва татбиқи сиёсати самараноки иҷтимой-иқтисодӣ хизмат менамоянд. Дар ин замина, муаллиф принсипҳо ва омилҳои калидии рушди минтақаро таҳия ва асоснок намудааст (саҳ.52-53).

Дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи хориҷии таҳия ва амалигардонии ҷалби сармоя муаллиф ба хулоса меояд, ки дар коркард ва амалӣ гардонидани сармоягузориҳои минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи хориҷӣ самараи хуб медиҳад. Зеро он ҳадафҳое, ки дар кишварҳои хориҷа дар сармоягузорӣ истифода мебаранд, дар навбати аввал, ба мустаҳкам намудани пояи иқтисодии минтақаҳо, баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо равона гардидаанд. (саҳ. 78-79)

**Дар боби дуюм– “Вазъи муосир ва тамоюли рушди сармоягузории иқтисодӣ - иҷтимоии Тоҷикистон марказӣ” таҳлили ҳолати муосири**

**иқтисодӣ - иҷтимоии минтақаҳо ва тамоюли рушди он, шарту шароит ва омилҳои дастгирии тавсеаи иқтисодӣ - иҷтимоӣ арзёбӣ гардида, равнақи шаклу равишҳои дастгирии сармоягузории иқтисодӣ - иҷтимоии НТҶ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст** (С. 77-109).

Ба ақидаи муаллиф, ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёти минтақа метавонад ҳамчун омили муҳими таҳкими рушди иҷтимоии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ баромад намояд. Зеро равона гардидани сармоя ба соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва беҳтар гардидани шароити зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Муаллиф бар он назар аст, ки самаранокии сиёсати ҷалби сармоягузорӣ дар сатҳи минтақавӣ пеш аз ҳама ба сатҳи омодагӣ, ҷаҳонбинӣ, салоҳияти касбӣ ва чолокии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо вобаста мебошад. Дар ин замина, зарурати таҳияи чораҳои таъсирбахш ва саривақтӣ ҷиҳати ташвиқ ва таблиғи имкониятҳои сармоягузории минтақа, рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорони дохилию хориҷӣ ба миён меояд.

Ба андешаи муаллиф, мақомоти минтақавӣ бояд сиёсати фаъол ва мақсаднокро дар самти густариши фазои сармоягузорӣ амалӣ намуда, тавассути ҷалби васеи қишрҳои гуногуни ҷомеа ва истифодаи абзорҳои муосири ташкилию иттилоотӣ, барои афзоиши ҷараёнҳои сармоягузорӣ ва таъмини рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа заминаи мусоид фароҳам оваранд (саҳ. 80-85).

Ба ақидаи унвонҷӯ, ноҳияҳои тобеи марказ на танҳо аз лиҳози захираҳои табиӣ, балки вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ низ аз ҳам фарқияти ҷиддӣ доранд. Хусусан ноҳияҳои Ваҳдат ва Сангвор, ки дар минтақаҳои кӯҳӣ ва қисмати шарқии кишвар ҷойгир мебошанд, дорои хусусиятҳои хоси рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд. Бо вуҷуди мавҷуд будани захираҳои назарраси табиӣ, иқтисодиёти ин ноҳияҳо то ҳол бештар хусусияти аграрӣ дошта, сатҳи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии онҳо ба талаботи рушди устувор пурра ҷавобгӯ нест.

Унвонҷӯ бар он назар аст, ки маҳдуд будани диверсификатсияи иқтисодӣ, заъфи инфрасохтори истеҳсолӣ ва сатҳи пасти ҷалби сармоягузорӣ омилҳои асосии ақибмонии нисбии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ин минтақаҳо маҳсуб мeёбанд, ки ҳалли онҳо тавассути такмили сиёсати минтақавӣ ва ҷалби фаъолонаи сармоягузориҳо имконпазир мебошад (саҳ.90-91).

Муаллиф дар диссертатсия аз таҳлили SWOT истифода намуда омилҳои мусбию манфии ки фазои сармоягузории минтақаро инъикос менамояд омода намудааст (ҷадвали 2.5 саҳ.88). Унвонҷӯ қайд менамояд, ки истифодаи SWOT-таҳлил ҳамчун маълумоти таҳлилӣ барои муайян ва ифшои тарафҳои қавӣ ва заифи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои сармоягузорони дохилию хориҷӣ аҳамияти муҳим дорад, зеро тавассути он омилҳои асосии мусбӣ ва манфии таъсиррасон ба муҳити сармоягузорӣ ба таври возеҳ ва низомнок инъикос мегарданд.

**Боби сеюм – “Самтҳои асосии такмили механизми дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Дар ин боб масъалаҳои таъмини ташкилӣ-иқтисодии дастгирии сармоягузории рушди устувори минтақа мавриди баррасӣ қарор дода шуда, механизми буҷетӣ-андозии дастгирии сармоягузориҳо бо мақсади ҳавасмандгардонии сармоягузорон ва дар ин замина таъмини тавсеа ва равнақи иқтисодии минтақаҳо ифшо карда шудаанд** (С.125-156).

Дар ин боб натиҷаҳои таҳқиқот бо пояҳои илмию амалӣ тасдиқ гардида, дастовардҳои илмии диссертатсияро ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, дар таҳқиқоти мазкур унвонҷӯ исбот намудааст, асоси сиёсати сармоягузориҳои давлатиро механизм ба шакл медарород. Механизми сармоягузори маҷмуи шаклҳои мухталиф ва равишҳои истифоданамоии сармоя бо мақсади таъмини татбиқи сиёсати сармоягузории мувофиқ дар доираи низоми иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаст инъикос менамояд (расми 3.1 саҳ 139).

Муаллиф таъкид мекунад, ки буҷети минтақаҳо дар таъмини устувории иқтидори молиявии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ) ва дигар минтақаҳои кишвар нақши калидӣ мебозад, зеро маҳз тавассути он соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо таъмин карда мешаванд. Сиёсати фискалӣ ҳамчун воситаи асосии таъсиррасонии давлатӣ ба рушди иқтисодии минтақаҳо муаррифӣ мешавад.

Дар НТҶ сиёсати фискалӣ тавассути механизмҳои буҷетӣ ва андозӣ амалӣ шуда, иқтисоди минтақаро танзим мекунад. Ислоҳоти аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишуда буҷетро ҳамчун абзори муҳими танзимкунандаи давлатӣ муаррифӣ мекунад. Буҷет дар ин замина имкон медиҳад, ки давлат ба таври муассир ба равандҳои иқтисодӣ таъсир расонад ва рушди минтақаҳоро ҳавасманд кунад (расми 3.3 саҳ.164).

Яке аз натиҷаҳои муҳимми илмӣ ва арзишмандии диссертатсия дар он мебошад, ки муаллиф унсурҳои асосии сохтори механизми сармоягузорӣ дар минтақаро таҳия намуда афзалиятҳои истифодабарии онро шарҳ додааст (расми 3.4 саҳ. 170). Дар зербоб нақши инфрасохтори инноватсионӣ, иттилоотӣ ва маркетингии минтақа дар баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ба таври илмӣ асоснок шуда, ин самт ҳамчун унсури калидии рушди иқтисоди минтақавӣ муайян гардидааст (саҳ.176-177).

Дар хулоса аз ҷониби муаллиф муқарраротҳои асосии назариявӣ, методӣ ва илмӣ-амалӣ, инчунин тавсияҳо оид ба такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа инъикос гардидааст.

### 10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми

июни соли 2021, таҳти №267 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад.

Диссертатсия ва автореферати Сафарзода Сафармад Саид бо риояи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти №493 тасдиқ гардидааст, ба расмият даровarда шудааст.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмо бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии ба нашр расондаи довталаб таркиби асосии диссертатсияро дар бар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъ карда мешавад.

## 11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ

Тахассуси илмии довталаб Сафарзода Сафармад Саид ба ихтисоси илмии дархостшаванда 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки он дар навбати худ мукаммал, ба низомдаровардашуда, ҳамчун таҳқиқоти илмии мустақилона дар сатҳи баланд иҷро шуда, ба масъалаҳои мубрами замони муосир бахшида шудааст.

## 12. Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъи доранд холи нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқотиояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд.

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи мазкур чунин нуқтаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Дар қисми назариявии диссертатсия, муаллиф назари илмии иқтисоддонҳои машҳури хориҷию ватаниро дар бораи назарияҳо ва консепсияҳо аз нигоҳи механизми дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ - иҷтимоии минтақа ҷамъбаст кардааст, аммо оид ба эътироф ё назари мунаққидона доштани муаллиф нисбати ақидаҳои онҳо кам дида мешавад.

2. Дар таҳқиқот таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи хориҷии таъмини сармоягузории иқтисодӣ - иҷтимоии минтақаҳоро баррасӣ шудааст аз зумраи кишварҳои Чин, Аврупо, Туркия, Амрикои Шимолӣ, Русия мебошад. Ба фикри мо хуб мешуд, агар самтҳои истифодабарӣ ва натиҷабахшии таҷрибаи хориҷӣ дар минтақаҳои кишвар, ки дар шароити

Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар қобили қабул аст, нишон медоданд беҳтар мешуд.

3. Дар зербоби 2.1 саҳифаҳои 86-88 унвончӯ таҳлили SWOT-таҳлили тарафҳои қавитари иқтидориҳои эҳтимолии минтақа НТҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ба ақидаи мо сарчашмаи иттилоотии таҳлили SWOT он қадар равшан намебошад.

3. Агар муҳаққиқ бо дарназардошти гузаронидани назарсанҷишҳо ва омилҳои таъсиррасон модел ё механизми рушди сармоягузории минтақаро дар доираи Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 роҳандозӣ мекарданд, мазмуну муҳтавои диссертатсия баландтар мегардид.

4. Аз рӯйи натиҷаи таҳқиқот муаллиф дар боби сеюм модели ҳавасмандгардонии рушди механизми низоми андозу буҷети минтақаро таҳия намудааст. Яъне дар натиҷаи истифодабарии ин модел чӣ гуна тағйиротҳо ба миён омаданашон мумкин аст ва ба кадом натиҷаҳо расидани онро аниқ мекард ба арзишмандии кор таъсири мусбӣ мерасонид.

5. Ҳамчунин, дар баъзе ҷадвалҳо сарчашмаи таҳияшуда нишон дода нашудааст, танҳо таҳияи муаллиф ба назар мерасад.

Аммо, эроду тавсияҳои зикршуда сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Сафармад Саидро коҳиш намедиҳад. Дар маҷмуъ, мустақилияти муаллиф дар омода намудани диссертатсия эҳсос мешавад ва диссертатсия таҳқиқоти баитмомрасида ҳисобида мешавад.

**13. Хулоса**

Таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Сафармад Саид дар мавзуи «Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар асоси маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ, методологӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин аҳамияти он барои илми иқтисодӣ ва амалияи пешбурди рушди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ умуман ба талаботи бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он - Сафарзода Сафармад Саид барои додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва менеҷмент, 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии

хоҷагии халқ (иқтисодиёти минтақавӣ) Пӯлодова Хуршеда Шарифҷоновна омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва менеҷмент муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 7 аз 24 январи соли 2026).

Дар ҷаласаи васеи кафедра иштирок доштанд: 19 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 19 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
н.и.и., дотсенти кафедраи
иқтисодиёти рақами ва менеҷмент **Сатторова М.Р.**

**Экперт:**
номзади илми иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи
иқтисодиёти рақамӣ ва менеҷмент **Пӯлодова Х.Ш.**

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и, дотсент **Ҳусейнова М.В.**

Имзоҳои н.и.и., дотсент Сатторова М.Р.; н.и.и., дотсент Пӯлодова Х.Ш; н.и.и., дотсент Ҳусейнова М.В.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” **Сайдуллозода З.А.**

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735725, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. Телефон: (992-3432) 6-52-73
Факс:(+9923422) 6-75-18
E-mail: rector@hgu.tj ; сомонаи расмӣ: www.hgu.tj.

«24» 01 соли 2026